ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон

аз «12» 10 соли 2026 № 92 ш. Хуҷанд

Ф А Р М О И Ш

дар бораи ташкил ва баргузор намудани озмуни ишғоли вазифаҳо

Мутобиқи қисми 3 моддаи 26 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» ва бандҳои 15, 16 Низомномаи кафедраи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.08.2022, №12/4 тасдиқ карда шудааст, Низомнома дар бораи ба таври озмун ишғол намудани вазифаҳои ҳайати профессорону омӯзгорони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, ки бо қарори мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25.11.2011, № 21/21 тасдиқ шудааст, бо мақсади дарёфти кадрҳои баландихтисос, ба таври самаранок ва мувофиқи матлаб ба роҳ мондани ҷобаҷогузории кадрҳо, фароҳам овардани шароит барои рақобати солим дар байни довталабони ишғоли вазифаҳо ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Дар давоми моҳҳои октябр-декбари соли таҳсили 2026-2027 дар Донишгоҳ озмуни ишғоли вазифаҳои мудирони кафедраҳои алоҳида ва ҳайати профессорону омӯзгорони Донишгоҳ ташкил ва баргузор карда шавад.

2. Шуъбаи таҳлил ва робита бо ҷомеа дар якҷоягӣ бо раёсати кадрҳо ва корҳои махсус барои таҳияву нашр кардани эълон дар бораи баргузории озмун дар васоити ахбори умум ва ҷой додани он дар сомонаи расмии Донишгоҳ вазифадор карда шаванд.

3. Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус вазифадор карда шавад:

3.1. Номгӯи вазифаи мудирони кафедраҳо ва вазифаҳои ҳайати профессорону омӯзгорони Донишгоҳ, ки бояд тариқи озмун интихоб карда шаванд, ба суроғаи почтаи дохилии сомонаи Донишгоҳ ирсол намояд;

3.2. Меъёрҳо (талабот) оид ба довталаб барои ишғоли вазифаҳои ҳайати профессорону омӯзгорони Донишгоҳро, ки бо қарори шурои олимони Донишгоҳ тасдиқ карда шудааст, ба суроғаи почтаи дохилии сомонаи Донишгоҳ ирсол намояд;

3.3. Қабули ҳуҷҷатҳои довталабонро дар давоми муҳлати муқаррарагардида ба роҳ монда, бо риояи тартиб ва расмиёти баргузории озмун барои баррасӣ ва овоздиҳии минбаъда ба ҷаласаи шурои олимони Донишгоҳ пешниҳод намояд.

4. Бахши коргузорӣ ва котибот вазифадор карда шавад, ки нусхаи фармоиши мазкурро тавассути деканҳои факултетҳо ва мудирони кафедраҳо барои шинос намудани кормандони Донишгоҳ дастрас намояд.

5. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсус, дотсен Бобоев А.Х. вогузор карда шавад.

Асос: иқтибос аз протоколи №2 ҷаласаи шурои олимони Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон аз 30.09.2026.

Ректор **Мӯминзода Ш.А.**